«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент ________________ Назарзода Х.Х.
«__03__» ___январи_____ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мутобиқат мекунад: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро- ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.13 Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ, 1.14 Методологияи истифодаи технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Паёмадҳои бухрони молиявӣ дар иқтисодиёти миллӣ, зиёд шудани хавфҳои тиҷорат барои субъектҳои хоҷагидорӣ, дигаргуниҳо дар технологияҳои истеҳсолӣ ба баланд шудани мақоми иттилоот дар идоракунии корхонаҳои муосир оварда, таҳия намудани тадбирҳои заруриро оид ба идоракунии корхона ва равандҳои истеҳсолии он талаб менамояд. Гузашта аз ин, имрӯз дар ҷаҳон низоми иқтисодии комилан нав бунёд гардидааст, ки дар он мартабаи маҳз иттилоот муҳим аст. Дар ин маврид барои ҳалли масъалаҳои

иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ коркарди миқдори зиёди маълумоти ададӣ бо иҷрои амалҳои мураккаби арифметикӣ ва мантиқии муқоисакунӣ, таҳлил ва тафсир зарур аст. Иҷрои амалҳои мазкур танҳо бо истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ ба даст меояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба муҳимии масъалаи рақамикунонии иқтисодиёт борҳо таъкид намудаанд. Аз ҷумла, дар Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 таъкид карда шудааст, ки дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад.

Фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосир дар назди роҳбарият ва менеҷменти онҳо вазифаҳои муҳимро ҷиҳати дарёфти роҳҳои мустаҳкам намудани мавқеи худ дар бозор тавассути иҷрои корҳои таҳлилӣ ва таҳия намудани тадбирҳои стратегӣ мегузорад. Дар навбати худ иҷрои корҳои таҳлилӣ ва дар асоси онҳо қабул кардани қарорҳои идоракунии фаврӣ ва таъсирбахш аз сифати иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона, хусусан унсури ҳоло муҳими он – баҳисобгирии идоракунӣ ташаккулёбанда вобаста мебошад. Таъмин намудани равандҳои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ бо иттилооти зарурӣ шарти асосии фаъолияти босамараи низоми идоракунии ҷории корхона мебошад, зеро самаранокӣ ва натиҷанокии фаъолияти корхонаҳои муосир дар асоси омӯзиши нишондиҳандаҳои молиявии даромад ва хароҷот, арзиши аслии маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), сифати идоракунии хароҷот арзёбӣ карда мешавад ва асоси чунин омӯзишро иттилооти дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ бунёдгардида ва дар ҳисоботи идоракунӣ овардашуда ташкил медиҳад.

Вале имрӯз, дар шароити татбиқи технологияҳои рақамӣ дар равандҳои идоракунии корхонаҳо муқаррароти назариявӣ, ҷанбаҳои методологӣ ва амалии рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва инъикос кардани онҳо дар ҳисоботи дохилии идоракунӣ масъалаҳои баҳсноки илмию амалӣ маҳсуб меёбанд. Зеро рушди рақамикунонӣ баҳисобгирии идоракуниро водор мекунад, ки методика ва равишҳои коркард ва пешниҳоди иттилоотро дигар кунад ва дар ин замина рушди мувофиқ ва мутобиқати худро ба талаботи иқтисодиёти шакли нав, ки дар он мақоми иттилоот муҳим аст, таъмин намояд. Ҳамаи ин масъалаҳо аз нигоҳи талаботи муосири идоракунӣ мубрамии таҳқиқотро дар самти рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ки мавзуи диссертатсияи тақризшаванда мебошад, тасдиқ мекунанд.

## Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, ба ҳалли мушкилоти назариявию методологӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мусоидат карда метавонанд. Онҳо дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалии рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ ифода меёбанд ва чунин нуктаҳоро дар бар мегиранд:

1. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхонаҳо таҳқиқ шудааст. Ақидаҳои гуногун оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, нуктаи назари муаллиф ҷудо карда шудааст. Заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ карда шуда, муносибати он бо баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ муайян карда шудааст.

2. Асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии рақамӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои асосии марҳилаҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда шудаанд. Дигаршавии аломатҳои баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунонӣ таҳқиқ шуда, шароити ташаккули низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шудааст. Заминаҳои табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити иқтисодиёти рақамӣ таҳлил карда шудаанд. Амсилаи баҳисобгирии идоракунии ба эътимод асосёфта таҳия карда шудааст.

3. Вазъи муосири ташкил ва пешбурди пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, имконияти истифодаи воситаҳои муосири коркарди автоматикунонидашудаи иттилоот дар асоси барномаҳои маъмули компютерии муҳосибӣ арзёбӣ карда шудааст. Вазъи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ карда шуда, талаботи асосии ҷонибҳои манфиатдор ба пойгоҳи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шудааст.

4. Дар асоси таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои тиҷоратӣ исбот карда шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ ботадриҷ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар дар асоси методологияи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, назорат, таҳлили идоракунӣ ваояндабинӣ ташаккул ёфтааст. Амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ барои татбиқи низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси бастаи

нармафзори 1С: ERP ва амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ бо истифодаи ин бастаи нармафзор таҳия карда шудааст.

5. Самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуда, тартиби истифодаи якҷояи воситаҳои муосири методии баҳисобгирии идоракунӣ ва бастаи нармафзори муҳосибии 1С: ERP (1С: Бухгалтерия 8.3) таҳия карда шудааст, ки барои таҳкими раванди идоракунии фаъолияти истеҳсолию молиявӣ ва рушди амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ имкон медиҳад.

6. Тартиби ташкили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ таҳия карда шудааст. Методикаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ пешниҳод карда шудаанд. Ҳамчунин амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳия карда шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, равишҳои методологии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои муосир матраҳ шуда, дар ин асос ҷанбаҳои асосии рушди методии баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар шароити рақамикунонӣ муайян карда шудаанд, ки ин саҳми илмии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаҳои рушди рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ ифода мекунад. Дар диссертатсия самтҳои асосии рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуда, тартиби корбурди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳия карда шудааст. Вобаста ба таҳлил ва ҷамъбасти асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ, муайян кардани хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, таҳлили вазъи муосири баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои тиҷоратӣ, муайян кардани мушкилот дар ин самт ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо, такмили методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар шароити иқтисодиёти рақамӣ хулоса ва тавсияҳои барои илм ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ судманд таҳия шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ истифода шаванд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, бахши хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт бо 148 номгӯй иборат буда, муҳтавои асосии он дар ҳаҷми 186 саҳифа дарҷ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт бо 150 номгӯй иборат аст. Муҳтавои асосии диссертатсия дар ҳаҷми 190 саҳифа дарҷ гардидааст.

Дар бахши муқаддимаи таҳқиқот мубрамии мавзуи дисертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд, тавсифи асосии диссертатсия оварда шудааст (саҳ. 3-12).

Дар қисмати назариявӣ ва методологии таҳқиқот (боби якум) моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ таҳқиқ карда шуда, мафҳуми он муайян ва аз нигоҳи муаллиф аниқ карда шудааст, дар асоси омӯзиши равандҳои ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ заминаҳои табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шудааст. Ин қисмати диссертатсия аз нигоҳи рушди илмии баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ хеле пурмазмун ва дорои аҳамияти назариявию методологӣ ба назар мерасад, зеро дарки мушкилоти назариявию методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳо барои рушди ояндаи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо имконият муҳайё месозад. Тавре муаллиф дуруст қайд мекунад, имрӯз мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ аз доираи баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ берун баромада, бо дарбаргирии вазифаҳои дигари идоракунӣ доираи соҳаи татбиқи худро васеъ мекунад – он ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотӣ-таҳлилӣ ҳамаи марҳилаҳои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ, банақшагирӣ, ояндабинӣ, буҷетикунонӣ, идоракунии фаврӣ ва танзимкунии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дар ниҳоят, назорат ва арзёбии иҷрои қарорҳои идоракуниро фаро мегирад (саҳ. 15).

Дар диссертатсия муносибати байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона таҳқиқ карда шуда, вобаста ба ин тарҳи робитаи онҳо пешниҳод карда шудааст, ки дар он баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун зернизоми муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ шуда, дастгоҳи идоракунии корхонаро бо иттилооти барои банақшагирӣ, аз ҷумла, банақшагирии стратегӣ, идоракунӣ ва назорати раванди истеҳсолот

истифодашаванда таъмин мекунад (саҳ. 31-32).

Муаллиф дар асоси омӯзиш таъкид мекунад, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ворид шудаанд ва нуфузи иттилоот дар низоми идоракунии онҳо хеле баланд аст, талабот ба пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ низ ҷиддитар гардид. Дар натиҷа муносибати ҳам маъмурияти корхонаҳо ва ҳам худи муҳосибони бо баҳисобгирии идоракунӣ сарукордошта бо иттилооти идоракунӣ дигар шудааст. Самтҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ вобаста ба шароити фаъолият дар муҳити рақамӣ дигаргун шуда, ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти онҳоро фаро мегиранд, ки дар диссертатсия ин тасдиқи худро ёфтааст (саҳ. 45-46).

Муаллиф ошкор кардаст, ки дар корхонаҳо ҳарчи бештар интизори ба амал омадани дигаргуниҳо дар таъминоти иттилоотии низоми идоракунӣ - баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ мебошанд. Вале бештари кормандони хадамоти муҳосибӣ бо вуҷуди ин интизориҳо ба кор дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ омода нестанд. Вобаста ба дигаршавии вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ, тарзҳо ва воситаҳои амалисозии он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ онҳо бояд донишҳои худро барои кор дар шароити рақамикунонӣ такмил диҳанд. Ҳоло дар баъзе корхонаҳои истеҳсолии навтаъсис хадамоти махсус барои роҳандозии раванди гузариш ба низоми идоракунии бо истифодаи технологияҳои рақамӣ асосёфта, масалан, дар хадамоти маркетинг, идораи кормандон ва молия ташкил карда мешаванд. Ба андешаи муаллиф, таъсиси чунин шуъбаҳо ё хадамот барои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ низ зарур аст (саҳ. 48-60).

Дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ шудааст(саҳ. 70-90), пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун ҷиҳати муҳими баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ арзёбӣ карда шудааст (саҳ. 90-107), ҳамчунин имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил ва тавсияҳо барои рушди рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо пешниҳод гардидаанд (саҳ. 107-126).

Ба андешаи муаллиф, роҳи муносиби татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ бо истифода аз барномаи 1С: Бухгалтерия, ин истифодаи барномаи асили русӣ мебошад. Дар ин маврид корхонаи татбиққунандаи барнома бояд дар ҳайати кормандони худ мутахассисе дошта бошад, ки барномаро бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолият дигаргун намуда, ҳамчунин дар он риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷорӣ кунад. Ӯ қайд мекунад, ки ширкати таҳиякунандаи 1С: Бухгалтерия ба истифодабаранда чунин

имкониятро дар доираи шартномаи франшиза пешниҳод мекунад. Вале вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон қаноатбахш нест. Сабаби асосии ин, тавре муаллиф қайд мекунад, ин омода набудани роҳбарият, менеҷмент ва кормандони хадамоти муҳосибии корхонаҳо барои кор дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Бинобар ин, дар корхонаҳои хурд ва миёна ҷадвали электронии Excel барои иҷрои вазифаҳои содатарини баҳисобгирии идоракунӣ истифода мешавад. Бастаи 1C: Бухгалтерия асосан барои мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ истифода мешавад. Низомҳои ERP, ки имрӯз дар корхонаҳои бузурги хориҷӣ барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ имкониятҳои калонро пешниҳод мекунанд, дар корхонаҳои ватанӣ истифода намешаванд (саҳ. 85-90).

Муаллиф дар диссертатсия пешниҳод мекунад, ки дар корхонаҳо бояд ба ташкили дуруст ва роҳандозӣ намудани методикаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи бастаи муайяни нармафзор муҳосибӣ диққати махсус дода шавад. Барои амалӣ намудани пешниҳоди мазкур ӯ амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ, ки кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунии дар асоси ERP сохташударо таъмин мекунад, тартиб додааст (саҳ. 116). Ба андешаи ӯ, дар аксари бастаҳои барномавии муҳосибӣ, ки дар онҳо имконияти ташкил ва пешбурди автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд аст, рақамикунонии пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ метавонад дар асоси амсилаи таҳияшуда ба роҳ монда шавад (саҳ. 118). Ҳамзамон имконияти корбурди воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ дар бастаи барномавии 1C: Бухгалтерия (дар заминаи низоми ERP) таҳқиқ карда шудааст, ки он автоматикунонии тамоми равандҳои тиҷоратии асосии корхонаро таъмин мекунад. Ҳамчунин амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ дар 1C: ERP таҳия карда шудааст (саҳ. 118-126), ки ин аҳамияти хеле калони амалӣ дорад.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои рушди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои муосир баррасӣ шуда (саҳ. 127-145), дар ин асос барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 145-162), ки дорои аҳамияти калони амалӣ барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мебошанд.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки бо корбурди якҷояи воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ ва низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо доштани имконияти пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ,

масалан, дар асоси бастаи 1С: ERP корхона асоси заруриро барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар намуди маълумоти санҷидашуда, ки аз манбаъҳои гуногун ҷамъоварӣ карда шуда, дар пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ нигоҳдорӣ мешавад, ба даст меорад. Ба андешаи ӯ, бастаи 1С: ERP барои бунёди низоми ҳисоботи идоракунӣ ҳам дар асоси методологияи ягона, ки худи низом пешниҳод мекунад, ҳам бо таҳияи шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ вобаста аз хусусиятҳои фаъолияти корхона имконият пешкаш мекунад (саҳ. 130-131).

Тавре муаллиф зикр мекунад, воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар шароити рақамикунонӣ аҳаммияти онҳо бештар шудааст, буҷетикунонӣ ва баҳисобгирии идоракунии стратегӣ мебошанд. Ба андешаи ӯ буҷетикунонӣ дар низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти корхона дақиқтар пешгӯӣ карда шаванд ва саҳми ҳар як воҳиди тиҷоратӣ (маркази масъулияти молиявӣ) дар ноилгардии ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии корхона аниқтар арзёбӣ карда шавад (саҳ. 143). Ба туфайли корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ, пеш аз ҳама нармафзори дар асоси низомҳои ERP сохташуда ва воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ, баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар иҷрои вазифаҳо ва ҳалли масъалаҳои асосии худ ба муваффақияти назаррас ноил гардида метавонад. Ҳамзамон муаллиф таъкид мекунад, ки корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ ва технологияҳои иттилоотӣ набояд равандҳои тиҷоратии дар корхона амалкунандаро душвор гардонида, ба ҳаргуна нофаҳмиҳо ва паст шудани масъулияти кормандон боис шавад (саҳ. 150). Бинобар ин, ӯ пешниҳод мекунад, ки сарфи назар аз интихоби бастаи нармафзор барои автоматикунонии баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар он иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ низ ба инобат гирифта шуда бошанд, барои баланд бардоштани самаранокии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ гузаронидани таҳқиқоти пешазлоиҳавӣ дар низоми идоракунии корхона зарур аст (саҳ. 150). Барои амалисозии ин пешниҳоди худ муаллиф амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявиро таҳия намудааст (саҳ. 161), ки он имконияти иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегиро дар корхона фароҳам меорад.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот.** Саҳеҳии хулосаҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳияшуда ва натиҷаҳои илмии он бо истифодаи усулҳои махсуси коркарди маълумоти боэътимод, ҳаҷми кифояи маводи ба таҳқиқ фарогирифташуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ асос меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот мушаххас буда, ба вазифаҳои он мувофиқат мекунанд. Хулосаҳои умумии аз натиҷаи диссертатсия таҳияшуда ба вазифаҳои он мувофиқ буда, мазмун ва сохтори диссертатсияро пурра инъикос мекунанд, возеҳ ифода ёфта,

дарки ҳамаҷонибаи нуктаҳои асосии таҳқиқотро таъмин мекунанд. Мақсади дар диссертатсия муқарраргардида амалӣ шудааст, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои ноилгардидаро арзёбӣ карда, бояд қайд кард, ки дар раванди таҳқиқот шумораи зиёди асарҳои илмӣ, аз ҷумла монографияҳо ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии қонунгузорӣ, омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти ҳисоботии корхонаҳои тиҷоратӣ истифода шудааст. Дар ин маврид, тавсифи рӯйхати адабиёт бо риояи талаботи муқарраршуда ба ҷо оварда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсия дар маҷмуъ аз ҷиҳати сохтор, муҳтаво ва мантиқи зикри худ ба вазифаҳо ва мақсадҳои гузоштшудаи худ мувофиқ аст. Дар он масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи воситаҳои муосири рақамикунонӣ, асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии рақамӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои асосии марҳилаҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда шудаанд. Таҳлили ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии масъалаҳои мазкурро муаллиф бо натиҷаҳои баррасии амалияи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ пурра карда, дар ин асос пешниҳодҳои асоснокро оид ба такмили низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ таҳия кардааст. Истифодаи равиши мазкур ҳангоми таҳқиқот ба муаллиф имкон додааст, ки асоснокии муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои аз натиҷаи диссертатсия бадастовардаи худро таъмин кунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои анҷом додани таҳқиқот дар самти рушди баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури муҳими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ фароҳам меоранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда аз ҷониби маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури муҳими низоми умумии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ аҳамияти амалии онро ифода мекунад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ баланд бардошта шавад.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди таъминоти ташкилию методии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ созгор буда, ба баланд шудани самаранокии қабули қарорҳои идоракунии дар асоси иттилооти фаврӣ ва боэътимоди дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ ташаккулёбанда қабулшуда мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад**, ки қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси иттилооти дар баҳисобгирии идоракунӣ бунёдгардида ба беҳгардонии идоракунии равандҳои идоракунии хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот дар корхона боис шуда, ба кам шудани хароҷот ва баланд шудани натиҷаҳои молиявии фаъолияти он мусоидат мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст. Баъзе паҳлуҳои мавзуи таҳқиқот дар конференсияҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд. Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Дар матни автореферат муқаррароти асосӣ, муҳтаво, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот пурра инъикос гардидаанд. Муҳтавои автореферат ва муқаррароти асосии диссертатсия бо ҳам мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи тақризшаванда тасдиқ мекунад, ки Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин ҳамчун мутахассиси соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ташаккул ёфта, қодир ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои асосии назариявию амалии ин соҳа мебошад, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ихтисоси илмии интихобкардаи ӯ мувофиқ аст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи бо шиносномаи ихтисоси илмии 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) муқарраргардида мутобиқ аст. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид кард.

**Эродҳо ва тавсияҳо доир ба диссертатсия:**

Сарфи назар аз паҳлуҳои мусбати диссертатсия, дар муҳтавои он баъзе нуктаҳои баҳснок ва эродҳоро қайд кардан лозим аст, аз қабили:

1. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф масъалаҳои ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракуниро, ки бо истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ марбут мебошанд, асосан дар корхонаҳои тиҷоратӣ (аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ) таҳқиқ кардааст. Вале тавре амалия тасдиқ мекунад, ҳоло баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳои дигар соҳаҳои иқтисодиёт низ ҷорӣ карда мешавад. Бинобар ин, хуб мебуд, агар муаллиф мушкилоти баҳисобгирии идоракуниро дар корхонаҳои дигар соҳаҳо низ мавриди омӯзиш қарор медод.

2. Муаллиф ҳангоми таҳқиқот аз адабиёти ватании ба рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла унсури муҳими он – баҳисобгирии идоракунӣ бахшидашуда истифода кардааст. Дар ин маврид ӯ аз асарҳои муҳаққиқон Б.Ҳ. Каримов (дар феҳристи адабиёт бо рақами тартибии 46, 47, 48), С.Ф. Низомов (дар феҳристи адабиёт бо рақами тартибии 79), Ш.А. Ҳоҷиева (дар феҳристи адабиёт бо рақами тартибии 114) ва З.Р. Шарифов (дар феҳристи адабиёт бо рақами тартибии 116) ёдовар шуда, қайд кардааст, ки дар он онҳо масъалаи мазкур баррасӣ мешавад. Оё доир ба масъалаҳои рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ (аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ) дигар интишороти ватанӣ вуҷуд надоранд? Муаллиф бояд ба ин савол равшанӣ меандохт.

3. Хулоса ва ҷамъбастҳо аз таҳқиқоти дар доираи диссертатсия гузаронидашуда танҳо дар бахши хулоса ва тавсияҳо оварда шудаанд. Хуб мебуд, агар доир ба ҳар як параграф ва бобҳои алоҳидаи таҳқиқот хулосаҳои дахлдор оварда мешуданд.

4. Муаллиф дар саҳифаи 73 (боби дуюм) қайд кардааст, ки мақомоти ваколатдори соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таҳияи санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии идоракунӣ ягон хел корҳо анҷом надодааст, гарчанде тасмимҳои дахлдор аз ҷониби он буданд. Аз ҷумла муаллиф қайд мекунад, ки Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ), ки барои баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун санади меъёрӣ ба ҳисоб мераванд, на аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки аз ҷониби мақомоти дигар - Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд. Хуб мебуд, агар муаллиф фаъолияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳоро дар самти танзимкунии баҳисобгирии идоракунӣ ба таври муфассал арзёбӣ карда, хулоса ва тавсияҳои худро вобаста ба ин масъала пешниҳод мекард.

5. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, масалан, дар саҳ. 44, сархати якум калимаи “қарздориҳои” дар шакли хато – ҳарфи зиёдатии “ҳ” (қарзҳдориҳои) навишта шудааст. Дар саҳ. 62, сархати поёнӣ номи мамлакат – Германия бо сарҳарфи хурди “г” навишта шудааст. Чунин хатоҳои техникӣ дар баъзе саҳифаҳои дигари матни диссертатсия низ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудӣ ва эродҳои номбаршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин ҳамчун кори илмии баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсия ва асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба маҳакҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия ва ташхиси он дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ аст.

Рисолаи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудан ва санҷиши диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия бо забони фаҳмо ва бо истифодаи истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар мегиранд, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими муҳтавои кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ гардидааст.

**Хулоса.** Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии

мукаррарот, хулоса ва пешниҳодҳо, аҳамияти таҳқиқот барои илми иқтисодӣ ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 36, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (протоколи №6 аз 03 январи соли 2025) баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -. 13 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ ва аудити ДДТТ,
доктор PhD, дотсент Раҷабов О.Ҷ.

**Эксперт:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
баҳисобгирии бухгалтерӣ
ва аудити ДДТТ Бобоев Ш.Н.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
баҳисобгирии бухгалтерӣ
ва аудити ДДТТ Исмоилзода Ф.М.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½. **Тел:** (992) 91 887 65 65; **Email:** bobosh-85@mail.ru

Имзоҳои Раҷабов О.Ҷ., Бобоев Ш.Н. ва Исмоилзода Ф.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ